# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсия ва автореферати Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзуи “Асосхои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ

Дар замони муосир таваҷҷуҳ ба “Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои табиӣ-риёзӣ)” беш гардидааст. Албатта, ба касе пӯшида нест, ки пас аз байн рафтани давлати абарқудрати Шӯравӣ таълиму тарбия қариб ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта буд ва низоми таълим дар зери таъсири бархурди тамаддунҳо торафт рӯ ба косташавӣ ниҳод, ки онро бо роҳи навсозӣ ва ислоҳот беҳ гардонидан зарур гардид.

Мубрамияти махсусро ноил будани таҳсилоти фосилавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳаққиқ бо як қатор омилҳо ошкор сохт: аввалан парокандагии ҳудуд, мушкилоти рафту омад, инкишофи иқтисоди бозоргонӣ ва гарон гардидани роҳкиро, шароити кӯчидани аҳолӣ, муттамарказ гардонидани марказҳои илмӣ- техникӣ дар шаҳрҳои калон, ташаккул ёфтани талаботҳои навӣ аҳолии Тоҷикистонро ба таҳсилоти фосилавӣ ба миён овард.

Дар шароити муосир мафҳуми таҳсилоти фосилавӣ бояд дар доираи ниҳоят васеи барномаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор гирад, ки яке аз он курсҳои бозомӯзии омӯзгорон, донишгоҳу донишкадаҳои олӣ, гирифтани вазифа ва пешниҳод намудани супоришҳо бе кандашавӣ аз фаъолияти меҳнатӣ ва истеҳсолӣ мебошад.

Муҳаққик баҳри таъмини ҳамкории самараноки донишҷӯ ва омӯзгор дар таҳсилоти фосилавӣ як қатор дастгоҳу таҷҳизотҳоро пешниҳод менамояд, ки ба он барномаҳои интерактивии компюторӣ, интернет, почтаи электронӣ, телефон, факс ва почтаи оддӣ муҳим

мебошад. Дар шароити муосир дар Тоҷикистон таҳсилоти фосилавӣ бо қулайӣ ва устувории хеш ниҳоят муҳимят пайдо намуд. Вай монеаҳоро барои гирифтани маълумоти касбӣ бартараф намуда, барои одамони ба фаъолияти меҳнатӣ банд буда, шароити мусоидро таъмин менамояд, ки аз мубрамияти ин шакли таҳсилот гувоҳӣ медиҳад.

Рисолаи мазкур оид ба "Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои табиӣ- риёзӣ)" мубрамияти хосаро ноил буда, мақсади асосии он ошкор намудани роҳҳои самаранок гардонидани таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад, ки дар шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон рисола омода гардидааст.

Муҳаққиқ дар аснои омӯзиши асарҳои фалсафӣ, педагогӣ, психологӣ, маводи конференсияҳои илмӣ роҳу усулҳои татбиқи самараноки таҳсилоти фосилавӣ, бартарӣ ва манфиатнокии онро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод намуда тавонист. Ӯ дар рисолаи хеш сабаб ва омилҳои асосии суст татбиқ гардидани ин низомро ошкор намуда, менеаҳои асосиро дар раванди роҳандозии таҳсилоти фосилавӣ ошкор намуд.

Яке аз бартарии кори диссертатсионии Зиёвиддинзода З. З дар он мебошад, ки мавқеи таҳсилоти фосилавиро дар соҳибкасб гардонидани мутахассисони оянда ошкор намуда, роҳҳои самаранок гардонидани онро зимни омӯзиши фанҳои табиӣ- риёзӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ӯ дар рисолаи хеш дар раванди роҳандозии таҳсилоти фосилавӣ технологияи интерактивии таълимро омили асосӣ пешниҳод менамояд.

Ӯ дар диссертатсияи хеш ба таври асоснок сабаб ва омилҳои асосии солҳои охир рӯ овардани муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ба таҳсилоти фосилавӣ кушода дода тавонист. Арзишнокии диссертатсия дар он мебошад, ки Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин ба таври

раднашаванда ин шакли таҳсилотро дар беҳдошти сифати омодагии касбии донишҷӯён дар робита ба мавҷудияти технологиям иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ошкор намуд.

Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар раванди таҳияи рисолаи илмӣ худро ҳамчун фарди ботамкин, ботаҷриба, боинтизом, мустақил, боодоб, масъулиятшинос муаррифи карда тавонист. Бо назардошти хислатҳои шахсии муаллифи рисола ва омодагии ӯ дар таҳияи кори илмӣ чунин мешуморам, ки диссертатсияи Зиёвиддинзола Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзуи "Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ пешниҳод гардидааст, кори мустақилона ба анҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, ҷавобгӯйи талаботи КОА - и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои педагогӣ,
мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ
ва миёнаи касбии ПРМ ба номи
А. Ҷомии Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон — Махкамов Дастам

Ахбори робитавӣ:
суроға: 744024, Ҷумҳурии Таҷикистон,
ш. Душанбе, к. Айни, 126
Вэб сайт http://prmatt.tj)

Имзои Маҳкамов Д.-ро тасдиқ мекунам
Сардори ШК-и ПРМ АТТ — Хакимова Хосият

ШУЪБАИ КАДРҲО